«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
____________ Иброхимзода ИР.
«____» ____________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар назарияи ҳуқуқ фаҳмиши мурофиаи ҷиноятӣ чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқи инсон аз таҷовузҳои ҷинояткорона ва аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиби беасос ҳамчун ғояи асосӣ эътироф гашта, самти минбаъда ва дурнамои рушди адлияи ҷиноятиро муайян кардааст.

Қобили зикр аст, ки дар ин раванд фаъолияти мурофиавии мақомоти судӣ бо салоҳияти назоратии суд васеъ гардида, нақши суд дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, инчунин мавқеи фаъоли суд ҷиҳати беҳтар кардани сифати баргузории муҳокимаи судӣ бо иштироки тарафҳо тақвият ёфтааст. Вобаста ба таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар асоси эътирофи принсипҳои ҳимояи судӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ошкоро будани муҳокимаи судӣ дар қонунгузории мурофиаи судии ҷиноятӣ оид ба айбдоркунии хусусӣ муқаррароти махсус пешбинӣ шуд, ки ба дастрасии ҳар шахс ба адолати судӣ, ҳифзи судӣ, шаффофу одилона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ шароит муҳайё мекунад.

Вале, инкишофи асосҳои ҳуқуқии адолати судӣ ва танзими боэътимоди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси ғояҳои конститутсионии мурофиаи ҷиноятӣ, мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии муҳокимаи одилонаи судӣ, бо дарназардошти дастовардҳои амалия ва илм дар ин соҳа идома меёбад.

Дар сатҳи меъёрӣ бо назардошти тавозуни манфиати шахс ва давлат, бартарияти қадру қиммати инсон, васеъ карда шудани имкониятҳои мурофиавии ҷабрдида ва гумонбаршуда, айбдоршаванда, таъмини фаъолнокии онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бо соддагардонии муҳокимаву баррасии онҳо, бидуни мавқуфгузории беасос ҳамчун инъикосгари воқеии амалишавии ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ бояд густариш ёбад.

Бо вуҷуди ин, дар адабиёт андешаву назарҳои гуногун атрофи таҳким бахшидани имкониятҳои таъқиби ҷиноятӣ ва фаъол кардани мавқеи ҷабрдида дар он мавҷуданд.

Бо назардошти ҳадафҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ва таъмини кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдида, танзими ҳуқуқии имконияти бахшидани гуноҳи ҳамдигар дар мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки зарурати таҳқиқоти илмӣ ва муҳиммияти мавзӯро нишон медиҳанд.

Мавҷудияти пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва такомулу рушди он имконият фароҳам меорад, ки ашхоси ҷабрдида аз ҷиноятҳои мушаххас, ки маҳз ба манфиати хусусӣ таҷовуз мекунанд, аз рӯйи хоҳишу ирода ва манфиати худ аз кафолати ҳифзи судӣ истифода намоянд.

Аммо омӯзишу, таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ нишон медиҳад, ки дар қонун ва амалияи пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ норасоиву камбудиҳо ба назар мерасанд, ки коркарди роҳҳои ҳалли онҳо ба таҳқиқи амиқи илмӣ ниёз доранд.

Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, ки дар боби 37 КМҶ ҶТ ҷойгир карда шудааст, тартиботи муайяни мурофиавиро фаро гирифта бошад ҳам, аммо мавҷуд будани як қатор мушкилиҳо дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд (саривақт қабул нашудани аризаи ҷабрдида, риоя нашудани муҳлати санҷиши аризаи ҷабрдида, оғози парвандаи ҷиноятӣ бе аризаи ҷабрдида, нодуруст муайян кардани тартиб ва муҳлати санҷиши аризаи ҷабрдида ва ғайраҳо) дида мешаванд, ки бартараф карда шудани онҳо такмили минбаъдаи на танҳо меъёрҳои

қонунгузорӣ, инчунин беҳтар ба роҳ мондани амалияи татбиқи ҳуқуқро ба миён меорад.

Бинобар ин, масъалаҳои амалишавии айбдоркунии хусусӣ, иштироки ҷабрдида дар таъқиби ҷиноятӣ, имкониятҳои мурофиавии ҷабрдида дар пешбурди айбдоркунии хусусӣ, муҳокимаи судии парвандаҳо бо айбдоркунии хусусӣ бештар ба таҳлили ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти илмӣ ниёз пайдо кардааст, ки муаллиф ҳолатҳои ишорагардидаро мубрам ифода менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» як кори мукаммал ва дорои мубрамияти хоси илмию амалӣ маҳсуб меёбад. Муаллиф тавонистааст бо таҳлили амиқи консептуалӣ ва заминаи мустаҳками методологӣ, паҳлуҳои мухталифи субъекти ҷиноятро дар шароити дигаргуниҳои муосири ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои дар кор ифодаёфта ҷиҳати рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва беҳтар намудани амалияи татбиқи қонун саҳми арзишманд гузошта, барои ҳалли мушкилоти мавҷуда дар ин самт аҳамияти муҳим доранд.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии илмии муқаррарот, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар рисолаи диссертатсионии Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» инъикосшуда, дар сатҳи баланди таҳқиқотӣ қарор дошта, ба талаботи муосири илми ҳуқуқшиносӣ комилан ҷавобгӯ мебошад. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси базаи васеи эмпирикӣ ва истифодаи маҷмуи усулҳои илмӣ таъмин гардидааст. Муаллиф ҳангоми таҳияи рисола аз таҳлили қиёсии қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, омӯзиши амиқи адабиёти назариявии ватаниву хориҷӣ, инчунин таҳлилҳои омории мушаххас ва амалияи муътамади тафтишотиву судӣ истифода бурдааст. Чунин муносибати фарогир имкон додааст, ки хулосаҳои бадастомада на танҳо хислати назариявӣ, балки аҳаммияти калони амалӣ дошта, саҳеҳии пешниҳодҳои муаллифро ҷиҳати такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ кафолат медиҳанд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур собит гардидааст, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 24) теъдоди ками ҷиноятҳоро чун парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ муқаррар намудааст, ҳол он ки дар ҷомеаи озоду демократӣ дигар кирдорҳои ҷиноятие

мавҷуданд, ки маҳз ба манфиати ашхоси хусусӣ таҷовуз мекунанд, ки шахс дар ҳифзу ҳимояи он соҳибихтиёр аст. Бинобар ин, зарурати муайян ва ҷудо намудани пешбурди чунин ҷиноятҳо бо назардошти таъмини дастрасӣ ба ҳифзи судӣ бояд бо таҷдиди назар дар доираи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба роҳ монда шаванд.

Маҷмуи хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявию амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ифодаёфта, на танҳо ҷанбаҳои консептуалии илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятиро такмил медиҳанд, балки дорои иқтидори баланди татбиқӣ мебошанд. Тавсияҳои пешниҳод гардида имконияти барқарор намудани зарар, муросо ва оштишавиро назар ба татбиқи ҷазои ҷиноятӣ зиёд мекунад, ки ба манфиати ҷабрдида буда, дар раванди қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи муосир ва талаботи адолати судии ҷиноятӣ боз ҳам мукаммалтар гардида, заминаҳои назариявии ҳуқуқшиносии миллиро тақвият бахшанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.** Нававарии илмии таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар сатҳи таҳқиқоти мукаммали падидаи айбдоркунии хусусӣ мавриди баррасии бонизом қарор дода шудаанд. Нававарии кор аз масъалаҳои мубрами назариявӣ ва амалии падидаи айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ шаҳодат медиҳанд. Таҳлили мавзуи мазкур оид ба пешбурди мурофиаи судии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бо дарназардошти навгониҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва амалияи судӣ амалӣ шудааст. Таърифи муаллифонаи падидаи айбдоркунии хусусӣ ва таносуби айбдоркунии хусусӣ бо айбдоркунии хусусӣ–умумӣ ва умумӣ, аз назари муаллифӣ марҳилаҳои таърихии рушди падидаи айбдоркунии хусусӣ дар асоси маълумоти расмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти олимони ватанӣ бо назардошти рушди қонунгузории мурофиавӣ пешбарӣ карда шудааст, ифода меёбад.

Дар рисолаи диссертатсионӣ таҳқиқи муфассали асоснокии мафҳум ва моҳияти айбдоркунӣ, айбдоркунии хусусӣ, дақиқ ва мушаххас кардани намудҳои айбдоркунӣ, дар ҳамин замина бар асоси маҳаку хусусиятҳо муайян намудани доираи парвандаҳои ҷиноятие, ки мансуб ба намудҳои алоҳидаи таъқиби ҷиноятӣ мебошад, мураттаб намудани асосҳои меъёрӣ–ҳуқуқии танзимгароии ин намуди айбдоркунӣ, ҷудо намудани хусусиятҳои пешбурди он дар марҳилаи тосудӣ ва судӣ, аниқ намудани мушкилоту муаммои дар амал татбиқ намудани пешбурди

айбдоркунии хусусӣ, пешниҳоди хулосаҳо бахри такмил додани қонунгузории мурофиавӣ ва амалияи татбиқи он иборатанд мустаҳкам карда шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот, таҳлили муфассали муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф бо омӯзиши низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ (аз ҷумла кишварҳои узви ИДМ), дар танзими меъёрии падидаи айбдоркунии хусусиро муайян намудааст. Дар заминаи натиҷаҳои бадастомада, имконият ва мувофиқати иқтибоси баъзе муқарраротҳи пешқадам ва таҷрибаи ҳуқуқии хориҷӣ ҷиҳати такмилу ислоҳи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур тавассути истифодаи маҷмуи васеи маълумотҳои оморӣ ва эмпирикӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқот маълумоти омории СМИТ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2014-2024-ро оид ба ҷиноятҳои ба қайд гирифташудаи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Ин муносибати ҳамаҷониба имкон додааст, ки хулосаҳои назариявии муаллиф дар заминаи таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ тасдиқ карда шаванд. Аз ин рӯ, далелҳо ва пешниҳодҳои дар рисола ифодаёфта аз ҷиҳати илмӣ комилан асоснок буда, саҳеҳияти онҳо шубҳаеро ба вуҷуд намеорад.

Ҳамин тариқ, навоварии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дорои заминаи устувори назариявию амалӣ буда, ҳамчун як таҳқиқи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ арзёбӣ мегардад. Хулосаҳои бадастомада барои рушди минбаъдаи тақвияти падидаи айбдоркунии хусусӣ саҳми назаррас мегузоранд. Пешниҳодҳои дар рисола ифодаёфта ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии меъёрӣ ва рафъи зиддиятҳои ҳуқуқӣ дар самти муқаррар намудани инкишофи намуди ҷиноятҳои айбдоркунии хусусӣ аҳамияти баланд дошта, заминаи боэътимодро барои такмили амалияи мурофиаи ҷиноятӣфароҳам меоранд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ на танҳо дар рушди назарияи муосири ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ аҳамияти бунёдӣ доранд, балки ҳамчун заминаи мустаҳками методологӣ барои таҳқиқотиояндаи илмӣ хизмат мекунанд. Аҳамияти илмии кор дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳои бадастомада имконияти васеъ намудани ҳуқуқҳои шахс ва ҷиноятҳои мушаххас, ки маҳз ба манфиати хусусӣ таҷовуз мекунанд, аз рӯйи хоҳишу ирода ва

манфиати худ аз кафолати ҳифзи судӣ васеъ истифода баранд. Пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати таъмини кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдида, танзими ҳуқуқии имконияти бахшидани гуноҳи ҳамдигар дар мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки ба рушди падидаи айбдоркунии хусуси мусоидат намуда, мушкилоти дар амалияи судӣ ошкоршуда зарурати таҳким бахшидани риоя ва иҷрои тартиби муқарраркардаи қонун оид ба айбдоркунии хусусӣ, таҷдиди назар ва такмили қоидаҳои мурофиавиро афзун мекунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муқарраротн илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф дорои хусусияти баланди татбиқӣ буда, метавонанд дар самтҳои зерин самаранок истифода шаванд:

- дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ: Ҷиҳати такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ворид намудани тағйиру иловаҳои асоснок ба моддаҳои 354, 355, 356, ки ба пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дахл доранд, нигаронида шудаанд;
- дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ: Ҳамчун дастури мукаммали методӣ барои судҳо ва мақомоти тафтишот ва бо мақсади таъмини ягонагӣ ва ҳимояи ҳуқуқи шахсони аз ҷиноят зарардида оид ба пешбурди айбдоркунии хусусӣ;
- дар соҳаи таълимию дидактикӣ: Ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва барномаҳои таълимӣ аз фанни «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин дар раванди бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси судяҳо, прокурорҳо ва дигар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар баланд бардоштани адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ифода меёбад:

1. Муайянкунии дурусти пешбурди айбдоркунии хусусӣ: фаъолияти мурофиавии мақомоти судӣ бо салоҳияти назоратии суд васеъ гардида, нақши суд дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, инчунин мавқеи фаъоли суд ҷиҳати беҳтар кардани сифати баргузории муҳокимаи судӣ бо иштироки тарафҳо тақвият ёбад.
2. Инсондӯстӣ ва фардикунонии ҷазо: чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқи инсон аз таҷовузҳои ҷинояткорона ва аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиби беасос ҳамчун ғояи асосӣ эътироф гашта, самти минбаъда ва дурнамои рушди адлияи ҷиноятиро муайян кардааст.

3. Пешгирии ҷинояткорӣ: Таҳлили амалияи судӣ барои таҳияи стратегияҳои нави пешгирикунанда дар байни гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ кӯмак мерасонад.

**Дарҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз истифодаи заминаи васеи эмпирикӣ ва маълумотҳои гуногуни оморӣ маншаъ мегирад. Асоси амалии корро ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ, қарорҳои мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасишуда ташкил медиҳад, ки ин аз фарогирии васеъ ва саҳеҳияти хулосаҳои муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи мустаҳками меъёрӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва таҳлили муназзами Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд. Муаллиф тавонистааст бо истифода аз усулҳои илмӣ, меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва манбаи илмии эътирофшударо бо ҳам мутобиқ намуда, эътимоднокии корро тавассути таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ тақвият бахшад. Чунин муносибати бисёрҷабҳа ба таъмини натиҷаҳои ҳамаҷониба ва боэътимод мусоидат намуда, заминаи мукаммалро барои татбиқи муассири тавсияҳои илмӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ фароҳам меорад.

Дар умум, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур, ки дар асоси таҳлили ҳамаҷониба, муқоисаи низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва истифодаи усулҳои муосири илмӣ ба даст омадаанд, эътимоднокӣ ва асоснокии худро комилан собит менамоянд. Ин таҳқиқот ба ташаккули назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқиву такмили фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

Илова бар ин, натиҷаҳои бадастомада дорои арзиши фундаменталии методологӣ буда, ҳамчун манбаи боэътимод барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ хизмат мекунанд. Пешниҳодҳои муаллиф ба такмил ёфтани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мусоидат намуда, метавонанд пешбурди сифатан самараноки парвандаҳои ҷиноятиро оид ба айбдоркунии хусусӣ таъмин намоянд ва ба таҳкими қонуният, таъмини адолати иҷтимоӣ ва устувории низоми ҳуқуқии кишвар мусоидат хоҳанд кард.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки натиҷаҳои илмии бадастомада, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқарраротҳо ва тавсияҳои амалӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, пурра аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия ва асоснок карда шудаанд. Муаллиф тамоми равандҳои таҳқиқотӣ – аз ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои эмпирикӣ ва оморӣ то таҳлили санадҳои меъёрӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи хориҷӣ – мустақилона ва бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ ба анҷом расонидааст. Ин раванд нишондиҳандаи баланди соҳибистиқлолии илмию таҳқиқотӣ ва малакаи эҷодии довталаб дар коркарди масоили мураккаб ва таҳияи ҳалли илмӣ мебошад. Илова бар ин, саҳми шахсии муаллиф дар таҳия ва асоснок намудани натиҷаҳо зоҳир меёбад, ки ӯ на танҳо қобилияти таҳлили мушкилоти назариявӣ ва амалӣ, балки малакаи таҳияи тавсияҳои низомнокӣ ва муассирро низ дорад. Ин хусусиятҳои эҷодкорӣ ва мустақилият ба довталаб имконият медиҳанд, ки на танҳо натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври илмӣ асоснок созад, балки инчунин онҳо барои татбиқи амалӣ дар соҳаҳои қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати роҳнамои илмӣ хизмат кунанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин, дар пешниҳоди равиши нави илмӣ ба ҳалли масъалаҳои мубрам, ба таври возеҳ ифода меёбад. Ин равиш на танҳо таҳкими таҳлили назариявиро таъмин мекунад, балки имконият фароҳам меорад, ки таҳлили ҳамаҷонибаи пешбурди айбдоркунии хусусӣ ба таври низомнокӣ ва методологӣ амалӣ гардад. Илова бар ин, равиши пешниҳодшуда барои баланд бардоштани амалияи пешбурди таъқиби ҷиноятӣ барои бартараф намудани маҳдудиятҳо ва ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар пешбурди айбдоркунии хусусӣ нақши муҳим дорад. Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот метавонад дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои мурофиаи ҷиноятӣ, низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, курсҳои махсус, инчунин дар амалишавии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, дар такмили ихтисоси кормандони мақомоти судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 17 мақолаҳои илмӣ инъикос гардида вобаста ба масъалаҳои пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар ин нашрияҳо хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён гардидаанд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи диссертатсия мавзуи таҳқиқшаванда дақиқ ва мақсаднок асоснок карда шудааст. Дар он дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифа, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, заминаҳои эмпирикӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ муайян карда шудаанд.

**Сохтори рисолаи илмӣ.** Диссертатсияи таълифнамудаи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, дар умум 193 саҳифаро дар бар мегирад. Дар ҳар як боб пайдарҳамии мантиқӣ риоя гардида, дорои таҳлили муфассал мебошад, ки муҳтавои умумии мавзуъро ҳамаҷониба фаро мегирад.

Боби аввали диссертатсия «Таҳкурсии иҷтимоӣ–таърихии ташаккули айбдоркунии хусусӣ» буда, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб хусусиятҳои хоси падидаи айбдоркунии хусусиро вобаста ба марҳилаҳои таърихӣ, руйдодҳои иҷтимоӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқӣ мавриди тахлил қарор дода, аз назари муаллифӣ марҳилаҳои ташаккулёбии айбдоркунии хусусиро пешбарӣ мекунад, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар зербоби аввали таҳқиқот муаллиф қайд менамояд, ки айбдоркунии хусусӣ ҳамчун падидаи хуқуқӣ ва тарзи ҳимоя то замони муосир якчанд марҳилаҳои таърихиро аз сар гузаронида рушд ва инкишоф ёфта, аз давраҳои аввали пайдоиши муносибатҳои ҷамъиятӣ ва танзими ҳуқуқӣ, оғоз аз давраҳои ғуломдорӣ дар таърихи давлатдории аксари давлатҳои Шарқ ва Ғарб то имрӯз шаклҳои зерини таърихии мурофиаи ҷиноятӣ, ба монанди мурофиаи даъвогӣ–хусусӣ, мурофиаи айбдоркунанда–ҷустуҷуӣ (инквизитсионӣ), мурофиаи мубоҳисавӣ ва мурофиаи омехтаро аз сар гузаронидааст.

Дар натиҷа, муаллиф тавонистааст хусусиятҳои хоси ҳар як давраи таърихиро муайян намуда, дар хулосаи зербоб таърихи ташаккул ва рушду инкишофи падидаи айбдоркунии хусусӣ, ба муаллиф имконият

додааст, ки мафҳум ва моҳияти намудҳои айбдоркуниро дар марҳилаҳои ҷудогонаи таърихӣ бо назари нав баён намуда, боло рафтани маърифати ҳуқуқии шахсро бо содда кардани тартиби дастрасӣ ба адолат алоқаманд дониста, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар зербоби мазкур пайдоиш ва рушди айбдоркунии хусусӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тағйиротҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа таъсир расонидаанд, лекин айбдоркунии хусусӣ ҳамчун имконияти шахси ҷабрдида ба ҳимоя боқӣ мондааст ва барои барқарор кардани ҳуқуқу манфиатҳо ҳамчун шакли амалишавии ҳимояи ҳуқуқ ва роҳи амалӣ гардидани адолат, арзи вуҷуд кардааст, баён шудааст.

Дар зербоби дуюми боби якум – «Ташаккули тартиби пешбурди айбдоркунии хусусӣ дар замони шӯравӣ ва пасошӯравӣ» мавриди таҳқиқот қарор дода мешавад.

Муаллиф андеша баён мекунад, ки мазмун ва тайиноти айбдоркунии хусусӣ аз давраҳои сипаригардидаи тошӯравӣ, шуравӣ, пасошӯравӣ ва замони муосир ҳамчун тартиби махсуси пешбурд ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятии алоҳида бе тағйироти ҷиддӣ боқӣ мондааст. Хусусияти хоси замони шӯравӣ баҳри иҷрои вазифаҳои ҳокимияти судӣ ва таъмини адолат, инчунин принсипу меъёрҳои демократии мурофиаи судӣ, аз ҷумла баробарии ҳамма дар назди қонун ва суд, баробарҳуқуқии тарафҳо дар ҷараёни баҳсу мунозира ва ба тарзи ошкоро гузаронидани мурофиаи судӣ, ки дар сатҳи меъёрӣ ба роҳ монда мешавад, мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ–ҳуқуқии пешбурди айбдоркунии ҳусусӣ» номгузорӣ шуда, ду зербобро дарбар гирифтааст.

Зербоби аввали боби дуюми таҳқиқот «Амалишавии функсияи айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятии ватанӣ»–ро дар бар мегирад, ки муаллиф дар натиҷаи таҳлили ҳуқуқӣ ақидаҳои худро доир ба мафҳум ва моҳияти намудҳои айбдоркунӣ дар марҳилаи муосири рушди қонунгузории миллӣ бо назари нав пешбарӣ менамояд.

Дар асоси муқаррароти м.24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки намудҳои айбдоркунӣ – айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ–умумӣ ва умумиро пешбинӣ намудааст, муаллиф бо ваҷҳи асоснок ду намуди онро ҷудо ва бо назари дигар асоснок менамояд, ки асосан айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ қобили қабул аст. Дар асоси чунин таснифот, диссертант маҳакҳои зеринро ба монанди: манфиати ашхоси алоҳида ё оммавии мардум; бо иродаи озоди фард ва ё

салоҳдиди мақомоти ваколатдори давлатӣ таъмин намудани адолати иҷтимоиро мавриди таҳқиқот қарор додааст.

Зербоби дуюми боби дуюм – «Таносуби айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ–умумӣ» ном дошта, муаллиф тартиби мурофиавии пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ–умумӣ ва умумиро мавриди таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқӣ қарор дода умумият ва фарқияти пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусиро аз айбдоркунии тартиби хусусӣ–умумӣ ва умумӣ муайн кардааст.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ ба – «Масоили мубрами пешбурди айбдоркунии хусусӣ» бахшида шуда, аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби сеюм – «Хусусиятҳои пешбурди тосудии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо» ном гирифтааст. Ба андешаи диссертант механизми амалишавии пешбурди тосудии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва баҳсноки мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Муаллиф зикр кардааст, ки асоси оғози парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусиро бояд маълумоти воқеӣ ташкил диҳад, ки воқеияти ҷой доштани аломати ҷиноятро дар ҳодисаи рухдода тасдиқ намояд. Воқеӣ будани маълумотро судя, бояд бо санҷиши он (ариза ва маводҳои пешниҳодшуда) муайян намояд, ки дар натиҷа эҳтимолият, шубҳа, гумони беасос ё фаҳмиши ғалати ҳодисаи рухдода бартараф шавад. Асоснок шудааст, ки суд тамоми масъалаҳои баррасишавандаро (аз ҷумла арзаи шахсро) мустақилона ва новобаста аз хоҳиш ва иродаи иштирокчиёни мурофиа, бе ҷонибдорӣ кардани манфиати онҳо, беғаразона ва холисона бояд аз номи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳал намояд. Бе санҷиши маълумот (ариза), шитобкорона тасдиқ кардани (эътирофи) ҷой доштани аломати таркиби ҷиноят дар ҳодисаи рухдода, хулосаи бармаҳал, пешакӣ ва мумкин ғалат бошад, ки мухолифи принсипи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи муайян кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят аст, ба хулоса омадааст рисоланавис.

Зербоби дуюми боби сеюм – «Хусусиятҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ: тобеияти судӣ; оғоз намудани парвандаҳо; исбот ва асосҳои қатъ шудани пешбурди парванда» ном дошта, диссертант тартиби пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусиро, на танҳо бо пешниҳоди аризаи шахс, балки бо амалҳои пайдарҳам ва ҳадафноки судя алоқаманд донистааст.

Зербоби сеюми боби сеюм – «Тартиби умумӣ ва махсуси баррасии парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар маҷлиси судӣ» бахшида шуда, дар натиҷаи таҳлили меъёрҳои мурофиавӣ ва назари олимон

рисоланавис ба хулоса меояд, ки тартиби баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар суд аҳаммияти хоса дошта, яке аз хусусияти умумӣ доштан ва ба таври содда баррасӣ гардидани парвандаи айбдоркунии хусусӣ дар суд, риояи принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, имконияти пешниҳод намудани далелҳо аз ҷониби айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда, бо иштироки фаъоли тарафҳо дар муҳокимаи судӣ сурат мегиранд. Хусусияти хоси ин шакли мурофиаро муаллиф дар он ифода менамояд, ки тарафҳо метавонанд мустақилона, новобаста аз ҳамдигар далелҳо ҷамъ намоянд, амалҳои мурофиавиро анҷом диҳанд ва дар баррасии судӣ аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ, баробар истифода баранд. Бо салоҳияти оштидиҳанда судяро зарур аст, ки чораҳои оштишавиро нисбати айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда то ба хонаи машваратӣ рафтан андешад, ба судшаванда фаҳмонад, ки ҳуқуқи пешниҳод намудани аризаи мутақобиларо то муҳокимаи судӣ дорад.

Ҳаҷми умумии диссертатсия ба талабот ва меъёрҳои муқарраршудаи таҳияи рисолаҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ буда, сохтори он дорои мантиқи қавии илмӣ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада бо такя ба заминаи мустаҳками назариявӣ, таҳлили амиқи қонунгузории амалкунанда ва таҷриба ба таври кофӣ асоснок карда шудаанд.

Рисолаи диссертатсионии Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ аз ҷиҳати сохтор, ҳаҷм ва муҳтаво як таҳқиқоти илмии комилан анҷомёфта ва мукаммал маҳсуб меёбад. Он ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ дорои арзиши баланди назариявию амалӣ баҳо дода мешавад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.Барасмиятдарории диссертатсия бо риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои грамматикӣ ва академӣ иҷро гардида, талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ пурра таъмин шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ ба ихтисоси илмии дархостшаванда 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқи

диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки мавзуъ ва муҳтавои он пурра ба самти илмии номбурда мувофиқ аст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Сарфи назар аз натиҷаҳои назарраси илмӣ ва аҳамияти баланди назариявию амалии рисолаи диссертатсионӣ, дар он баъзе ҳолатҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки асосан ҷиҳати боз ҳам мукаммалтар намудани паҳлуҳои ҷудогонаи таҳқиқот нигаронида шудаанд:

1. Дар зербоби якуми боби дуюми диссертатсия, унвонҷу оид ба ташаккули тартиби пешбурди айбдоркунии хусусӣ дар замони Шӯравӣ ва пасошӯравӣ рӯйи кор овардааст. Хулосаҳои муаллифро оид ба даврабандии айбдоркунии хусусӣ мехостем дар ҳимояи ошкорои диссертатсия, шунавем.

2. Диссертант хусусиятҳои асосӣ ва сабаби оғози парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусиро (саҳ. 109 диссертатсия) асоснок кардааст. Аммо, ба назари мо мавқеияти муаллифиро дар ҷодаи мазкур дар матни диссертатсия ба тариқи мушаххас зикр нанамудааст. Бо ин назардошт, аз муаллифи диссертатсия пурсида мешавад, ки дар рафти ҳимояи ошкоро мавқеияти худро нисбати эроди болозикр муайян намояд.

3. Дар матни таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиҳои техникие ба назар мерасанд, ки ҳолати мазкур унвонҷуро воқиф менамояд, ки минбаъд дар раванди таҳқиқоти илмӣ ба масъалаи мазкур эътибори ҷиддӣ дода бошад.

Бояд эътироф намуд, ки мулоҳизаҳои зикршуда бештар хусусияти мубоҳисавӣ дошта, ба сифати умумии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд. Ин эродҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши назариявӣ ва аҳамияти баланди амалии рисолаи диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд. Баръакс, мавҷудияти чунин нуктаҳои мубоҳисавӣ аз ҷиддият ва мураккабии мавзуи интихобшуда гувоҳӣ дода, заминаҳои илмии муаллифро тақвият мебахшанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда бетағйир боқӣ монда, сатҳи баланди касбияти муҳаққиқро дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ собит менамоянд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мувофиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ сазовор аст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари ғайринавбатии васеи илмӣ - назариявӣ кафедраи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия  Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари ғайринавбатии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 4 аз 22 майи соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Ҳамроев Шуҳрат Садирович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, дар семинари ғайринавбатии васеи илмӣ - назариявӣ кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар семинари ғайринавбатии васеи илмӣ - назариявӣ кафедра аз 10 нафар иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи ғайринавбатии кафедра таҳти № 4 аз 22 майи соли 2026.

**Раиси семинари васеи илмӣ- назариявӣ:**
И.в.мудири кафедраи ҳуқуқи мурофиаи ҷинояти ва криминалистика
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Назарзода Р.Ғ.

**Ташхисгар:**
Декани факултети ҳуқуқшиноси
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ҳамроев Ш.С.

**Котиби ҷаласа:**
Муаллими кафедраи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистика Желтова В.А.

**Имзои Ҳамроев Ш.С., Назарзода Р.Г. ва котиби ҷаласа Желтова В.А. - ро тасдиқ менамоям:**
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ваТоҷикистон Исмоилова М.Н.

«22» 05 2026 сол

Телефон: (+992) 37 221-35-50
Почтаи электронӣ: p.rektora@mail.ru
Ҷойгиршавӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30.